# 2 Маълумоти асосӣ дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 2.1. МАВҚЕИ ҶУҒРОФӢ ВА РЕЛЙЕФ

Тоҷикистон дар қисмати ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, дар ҳудуди Осиёи Миёна дар маркази қитъаи Евросиё, байни 36º40' ва 41º05' арзи шимолӣ ва 67º31' ва 75º14' тӯли шарқӣ ҷойгир шудааст.

Масоҳати кишвар 143,1 ҳазор км$^2$-ро ташкил медиҳад. Ҳудуди кишвар 700 км аз ғарб ба шарқ ва 350 км аз шимол ба ҷануб тӯл кашидааст. Тоҷикистон аз шимол ва ғарб бо Ӯзбекистон, аз шимол бо Қирғизистон, аз ҷануб бо Афғонистон, аз шарқ бо Чин ҳамсарҳад аст. Дарозии марзи давлатӣ 3000 км-ро ташкил медиҳад. Сохтори маъмурии Тоҷикистон иборат аст аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон, вилояти Суғд, ноҳияҳои тобеъи марказ ва шаҳри Душанбе.

Тоҷикистон кишвари кӯҳсор мебошад. Қариб 93% сарзаминро кӯҳҳо ишғол мекунанд ва тақрибан нисфи ҳудуди кишвар дар баландии беш аз 3000 м воқеъ шудааст. Нуқтаҳои баланди мутлақ аз 300 то 7493 м аз сатҳи баҳрро ташкил медиҳанд. Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, дар қисмати ғарб бахшҳои биёбонӣ ва нимбиёбонии пастхамии Тӯрон дохил шуда, рафта-рафта ба доманакӯҳҳо мепайванданд ва дар шарқ хоки кишвар ба қаторкӯҳҳои азим ва суфакӯҳҳои Осиёи Марказӣ - Тибету Тиён-Шон пайваст мешавад. Чунин мавқеи ҷуғрофӣ дар ин ҷо боиси гуногунии шароити табиию иқлимӣ гардидааст.

Хусусияти релйефи кӯҳистонӣ дар ҳама ҷо яксон нест. Дар шимоли кишвар водии Фарғона ва қаторкӯҳҳои начандон баланди Қурама ҷойгир аст. Қисмати марказии ҷумҳурӣ иборат аз қаторкӯҳҳои Кӯҳистон аст, ки барои минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон нақши муҳими иқлимоварро иҷро мекунад. Дар шарқ Помир, сардтарин ва серкӯҳтарин вилояти ҷумҳурӣ (қуллаи Исмоили Сомонӣ - 7495 м аз сатҳи баҳр) қомат афрохтааст.

Помири Ғарбиро қаторкӯҳҳои баланде, ки ба воситаи водиҳои фурӯхамидаи дарё аз якдигар ҷудо шудаанд, ишғол менамоянд. Водиҳои Помири Ғарбӣ дар баландии 1700-2500 м ҷойгир буда, баландии қаторкӯҳҳо бештар аз 6000 м аст. Релйефи Помири Шарқӣ, бо вуҷуди баландии зиёди мутлақи он аз сатҳи баҳр қариб ки яклухт аст. Дар ин ҷо биёбонҳои баландкӯҳи воқеъ дар баландии 3,5 то 4 км ба чашм мерасад. Қаторкӯҳҳои Помири Шарқӣ бо вуҷуди доштани нуқтаҳои баландиҳои калони мутлақ (то 6 км аз сатҳи баҳр), фақат 1000-1500 м аз зери водиҳо баланд мебошанд.

Қисмати ҷанубӣ - ғарбии Тоҷикистонро қаторкӯҳҳои на он қадар баланд ва водиҳои фарох ишғол кардааст. Ҳамвориҳои Тоҷикистон дар баландии мухталиф аз сатҳи баҳр аз 300 то 1000 м воқеанд. Калонтарин ҳамвориҳои Тоҷикистон иборатанд аз Фарғонаи ғарбӣ, Панҷакент, Кӯлоб, Ҳисор, Вахш ва поёноби Кофарниҳон.

## 2.2. ШАРОИТИ ИҚЛИМӢ

Иқлими хушк, гармии зиёд ва тағйири қобили мулоҳизаи қариб ҳамаи унсурҳои иқлимӣ дар давоми сол аз ҷумлаи ҳусусиятҳои хоси ҳудуди Тоҷикистон ба шумор меравад.

Иқлими Тоҷикистон диапазони васеи ҳарорат, шароити рутубат, хусусияти боришот ва шиддати радиатсияи офтобиро фаро мегирад. Ҳарорати миёнаи солона, вобаста ба баландии ҷойгиршавии маҳал, мумкин аст аз +17ºС ва бештар аз он дар Ҷануби кишвар то -6ºС ва камтар аз он дар Помир бошад. Ҳарорати баландтарин дар моҳи июл ва камтарини он дар моҳи январ мушоҳида мегардад. Помири Шарқӣ иқлими фавқулодда сахту сард дошта ва дар он ҷо ҳарорати сардтарини мутлақ ба -63ºС мерасад. Дар ҷануби кишвар ҳарорати гарми мутлақи ҳаво ба +47ºС мерасад. Дар биёбонҳои гарми пасти Тоҷикистони ҷанубӣ ва биёбонҳои сарди баландкӯҳи Помири Шарқӣ миқдори миёнаи солонаи боришот аз 70 то 160 мм тағйир мекунад, ҳол он ки боришот гоҳе аз 1800 мм мегузарад, дар Тоҷикистони марказӣ мушоҳида мегардад.

Давомнокии умумии нурпошии офтоб аз 2100 то 3170 соат дар сол тағйир мекунад. Камтарин давомнокии умумии нурпошии офтоб дар минтақаҳои кӯҳистонӣ, ки дар давоми сол абрнокии зиёд хоси он аст, қайд шудааст. Бештарин давомнокии нурпошии офтоб дар ноҳияҳои ҳамвори Тоҷикистони шимолӣ, водиҳои Ҳисору Зарафшон, Тоҷикистони ҷанубӣ-ғарбӣ ва Помир мушоҳида мешавад.

Абрнокӣ радиатсияи офтобии воридшаванда ва мувозинати радиатсиониро кам мекунад. Умуман дар тӯли сол мавҷудияти абр вуруди радиатсияи мустақимро ба миқдори 32-35% аз микдори иқтидории имконпазир барои қисматҳои ҳамвор ва 50% барои қисматҳои кӯҳистонӣ коҳиш медиҳад. Радиатсияи офтобии умумӣ дар моҳҳои май-июл ба бештарин ҳадди шиддат мерасад. Шиддати радиатсияи умумӣ дар мавриди минтақаҳои доманакӯҳ аз 280 то 925 МҶ/$м^2$ тағйир мекунад. Ин тағйирот дар ноҳияҳои баландкӯҳ аз 360 то 1120 МҶ/$м^2$ аст.

## 2.3. ПИРЯХҲО ВА ЗАХИРАИ ОБ

Тоҷикистон бинобар хусусиятҳои орографӣ ва иқлимии худ дар Осиёи Миёна маркази калони яхбандии муосир ба шумор меравад. Пиряхҳо сарвати азими Тоҷикистонанд, чунки натанҳо хазинаи об, балки танзимкунандаи оби дарё ва иқлим низ мебошанд. Пиряхҳо ва барфҳои доимии Тоҷикистон манбаи асосии обгирии дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал ба шумор мераванд. Пиряхҳо бо ишғол кардани масоҳати 8,0±0,4 ҳазор $км^2$, 6% аз тамоми ҳудуди кишварро ташкил медиҳанд. Массаҳои асосии ях дар кӯҳҳои Помири Ғарбӣ ҷойгиранд.

Калонтарин пиряхи Тоҷикистон пиряхи Федченко аст, дарозии он беш аз 70 км, паҳнии миёнааш 2 км, ғафсии максималиаш 1 км ва ҳаҷми пирях бо шохаҳояш - 144 $км^3$ мебошад. Ин пирях дар баландии 6200 м аз сатҳи баҳр сар шуда ва забонаи он дар баландии 2909 м воқеъ аст. Тибқи арзёбии кунунӣ, дар хоки Тоҷикистон зиёда аз 8 ҳазор пирях мавҷуд аст, ки 7-тои он дарозии бештар аз 20 км доранд.

Дарёҳои Тоҷикистон манбаи асосии пуршавии баҳри Арал буда, оби ҳаётбахши худро ба кишварҳои дар поён воқеъшуда мерасонанд ва истифодаи онҳо боиси ривоҷ ёфтани пахтакорӣ ва гидроэнергетика гаштааст (акси 1).



1. Дарёи Вахш.
Аксбардор: А. Яблоков

Дар ҷумҳурӣ якчанд ҳавзаи калони обҷамъшавӣ вуҷуд дорад: Ҳавзаи Сирдарё (Тоҷикистони шимолӣ), ҳавзаи Зарафшон (Тоҷикистони Марказӣ), дарёи Панҷ, (Тоҷикистони ҷанубӣ-ғарбӣ ва Помир) ва ҳавзаи ҷоринашавандаи кӯлҳои намакдори Помири Шарқӣ. Дарёҳои калонтарини Тоҷикистон инҳо мебошанд: Панҷ, Вахш, Сирдарё, Зарафшон, Кофарниҳон, Бартанг. Бештари дарёҳои Тоҷикистон кӯҳӣ буда, як қисми онҳо аз баландии бештар аз 3 км сарчашма мегиранд.

Маҷмӯан дар Тоҷикистон 947 дарё ҳар кадом ба тӯли бештар аз 10 км вуҷуд дорад. Дарозии умумии дарёҳои кишвар 28500 км-ро ташкил медиҳад. Ҷараёни рӯизаминии миёнаи солона дар қисмати марказии кӯҳистони кишвар ба 45 литр/сон. аз ҳар 1 $км^2$ мерасад. Миқдори миёнаи солонаи оби дарёҳо, тибқи арзёбиҳои охир, тақрибан 53 $км^3$-ро ташкил медиҳад. Миқдори асосии оби дарё дар ҳавзаи дарёҳои Панҷу Вахш ташкил мешавад. Дар давраи серобӣ, ки ҳамзамон бо барфобшавии шадид ва боронҳои сахт аст (апрел-август), дарёҳо миқдори зиёди заррaҳои ҳалнашударо ба худ меоранд, ки миқдори онҳо бисёр вақт аз 5 ҳазор г/$м^3$ (дарёи Қизилсу) мегузарад.

Амплитудаи тағйирёбии солонаи сатҳи оби дарёҳо нисбатан кам буда ва дар ҳудуди 0,6-2,0 м аст. Сатҳи об ҳангоми обхезӣ дар дарёҳои калон аз қабили Вахш, Панҷ ва Обихингов мумкин аст хеле баланд шавад. Дар ин давра сатҳи об дар як шабонарӯз метавонад 4-5 м боло равад ва сабаби вайроншавии ҷиддии роҳҳои иртиботӣ, дар зери об мондани киштзорҳо, канда шудани оббанду дарғот ва ғайра гардад.

Дар Тоҷикистон обҳои маъдании гарму сард зиёданд. Машҳуртарини онҳо: Гармчашма, Лангар, Анзоб, Хоҷа-Обигарм, Сангхок, Явроз, Шоҳамбарӣ ва Тошбулоқ аст. Бисёре аз чашмаҳои маъданӣ барои табобату ошомидан ва мақсадҳои дигар истифода мешаванд.

Тоҷикистон кӯли бисёр дорад. Дар ин ҷо бештар аз 1300 кӯл мавҷуд аст, ки 80% он дар баландии беш аз 3 км ҷойгир буда, ва масоҳати камтар аз 1 $км^2$ дорад. Масоҳати умумии кӯлҳои калони кишвар 680 $км^2$-ро ташкил медиҳад. Кӯлҳо аз ҷиҳати навъи пайдоиш ба тектоникӣ, карстӣ ва пиряхӣ ҷудо мешавад.

Калонтарин кӯли Тоҷикистон Қаракӯл (3914 м аз сатҳи баҳр) дар Помири Шарқӣ воқеъ аст. Масоҳати ин кӯл 380 $км^2$ буда, обаш шӯр аст. Чуқуртарин кӯли Тоҷикистон Сарез (3239 м аз сатҳи баҳр) бештар аз 490 м

чуқурӣ дошта, обаш ширин ва масоҳаташ 86,5 $км^2$ аст. Кӯли Сарез дар Помири Ғарбӣ дар дараи пурнишеби дарёи Бартанг ҷойгир буда, дар натиҷаи фурӯрезии пас аз заминҷунбии соли 1911 ба вуҷуд омадааст. Ҳаҷми оби кӯл беш аз 17 $км^3$ аст.

Кӯлҳои муҳимтарини дигар иборатанд аз Искандаркӯл, Зоркӯл, Яшилкӯл. Бисёр вақтҳо кӯлҳои муваққатӣ пайдо мешаванд, ки манбаву сабаби пайдоиши онҳо ё пирях ё фурӯрезии кӯҳ ё лағзиш мебошад. Ба ғайр аз кӯлҳои табиӣ дар ҳудуди Тоҷикистон обанборҳои сунъӣ аз қабили обанбори Қайроқум, Норак, Фарҳод ва ғайра мавҷуд мебошад.

## 2.4. ЗАХИРАҲОИ ҶАНГАЛ

Ҷангалҳои Тоҷикистон моликияти давлатӣ буда, пеш аз ҳама ба ҷангалҳои гурӯҳи якум, ки дар он тамоми фаъолияти ҷангалпарварӣ ба ҳифз ва беҳсозии ҳолати онҳо равона карда шудааст, тааллуқ доранд.

Нақши ҷангалҳо дар Тоҷикистон ниҳоят калон аст. Ҷангал пеш аз ҳама ҳамчун ҷамъкунандаи рутубат барои ҳифзи хок ва танзимкунандаи иқлим ва оби рӯизаминӣ ва манбаи ба даст овардани ашёи хоми хурокӣ ва доруӣ лозим аст.

Ҳоло масоҳати умумии фонди давлатии ҷангал 1,8 млн. га-ро ташкил медиҳад, ки 23 фоизи онро дарахтон ишғол менамоянд. Ҷангалҳои Тоҷикистон масоҳати 410 ҳазор га-ро ишғол мекунанд. Асоси ҷангалҳоро арчазорони камдарахте ташкил медиҳад, ки дар баландии 1500-3200 м аз сатҳи баҳр дар ҳудуди қаторкӯҳҳои Ҳисор, Зарафшон ва Туркистон паҳн шудааст. Арчазор танзимкунандаи хуби оби рӯизаминӣ, пешгирикунандаи ҷараёнҳои эрозионӣ дар кӯҳҳову водиҳо ва ҳамчунин ҷамъоварандаи $CO_2$ ба шумор меравабанд. Умри арчазор метавонад ба 500 сол ва беш аз он бирасад.

Пистазорон, ки ба иқлими гарму хушк мутобиқ мебошанд, масоҳати 78 ҳазор га-ро ишғол мекунад. Пистазорҳои асосӣ дар Тоҷикистони ҷанубӣ дар баландии 600 то 1400 м аз сатҳи баҳр воқеъ шудаанд.

Чормағззорон 8000 га-ро ташкил дода, нисбат ба шароити иқлимию хок хеле ҳассос буда ва асосан дар Тоҷикистони марказӣ дар баландии 1000-2000 м аз сатҳи баҳр доман паҳн кардаанд.

Аз ҷумлаи дигар ҷинсҳои баргдор қисми бештари замини ҷангалпӯшро зарангзорҳо ба масоҳати 44 ҳазор га ишғол кардаанд. Дарахтони сафедор, бед, тӯс, ангат, саксаул ва буттаҳои гуногун ҷо-ҷо паҳн шудаанд.

## 2.5. ОЛАМИ НАБОТОТ ВА ҲАЙВОНОТ

Олами наботони Тоҷикистон аз ҷиҳати таркиб бою рангоранга буда, бештар аз 5 ҳазор навъи растаниҳои олӣ, зиёда аз 3 ҳазор навъи растаниҳои соддатаринро ба шумули бисёр намудҳои таҳҷоиву камёфт дар бар мегирад. Табақабандии баланди пӯшиши набототӣ ва маҳдудияти ҷуғрофии як қатор оилаҳои наботот хоси Тоҷикистон аст (расми 2). Олами наботот типҳои асосии зерини оилаҳоро дар бар мегирад: ҷангали дарахтони паҳнбарг (Acer turkestanikum, juglans regia), тӯқайзорҳо (Populus pruinosa, Elaeagnus

angustifolia, Tamarix Laxa, Phragmites communis), ҷангалҳои дарахтони майдабарг (Salix turanica, Hippophae rhamnoides, Populus tadshicistanica, Betula tadshicistanica), арчазорон (Juniperus turkestanica, J. seravcshanica, J. semiglobosa), ҷангалҳои камдарахти хушкидӯст, (Pistacia vera, Cercis griffithil, Amugdalus bucharica), буттазорон, биёбонҳои камдарахт, биёбонҳои камбутта, буттаҳои болиштчашакл, гиёҳони хордор, нимсаванаҳо, даштҳо ва марғзорҳо.



2. Минтақаи нимбиёбонии миёнакӯҳ.
Аксбардор: И.Абдусаломов

Дар ҳудуди Тоҷикистон 84 намуду зернамуди ширхӯрон, 385 намуду зернамуди паррандагон, 46 намуди хазандагон, 52 намуди моҳӣ, 2 намуди обхокиҳо, бештар аз 10 ҳазор намуди бемӯҳрагон зист мекунанд. Гуногунии зиёди намудҳои ҳайвонот аз бисёр ҷиҳат бо сабаби ҷойгиршавии мувофиқи ҷуғрофии Тоҷикистон дар дохили қитъаи Евросиё ва гуногунии ҷойи зист аз биёбонҳои гарми ҳамвори Тоҷикистони ҷанубӣ гирифта то баландкӯҳҳои сарди Помири Ғарбӣ ва Шарқист.

Бояд гуфт, ки дар Тоҷикистон намояндагони нодири олами ҳайвонот аз қабили бузи чамбаршох, архар, уриал, гавазни Бухороӣ, бабри барфӣ, мори айнакдори (кобра) Осиёи миёнагӣ, сусмори хокистарранг, бози кучии (Falro peregrimus) зардкалла, уқоби морхӯр, белбинии (лжелопатоноси) Амударёӣ ва ғайра, ки дар Китоби Сурхи байналмилалии Иттиҳодияи байналмилалии ҳифзи табиат ва захираҳои табиӣ (ИБҲТ) дохил шудаанд, ба теъдоди маҳдуд вуҷуд доранд.

## 2.6. АҲОЛӢ

Аҳолии кишвар аз рӯи маълумоти соли 2000, 6127,5 ҳазор нафар буд. Таи 70 соли охир шумораи аҳолии кишвар 6 баробар афзоиш ёфтааст. Шумораи аҳолии Тоҷикистон ба таври миёна бо суръати бештар аз кишварҳои ИДМ, Аврупои марказӣ ва шарқӣ афзоиш меёбад. Афзоиши миёнаи солонаи аҳолӣ 1,5 то 3,5%-ро ташкил медиҳад. Афзоиши табиии аҳолӣ ба ҳар ҳазор сокин 22-25 нафарро ташкил медиҳад.

Ҳиссаи аҳолии деҳот дар Тоҷикистон беш аз 70% аст. Ҳиссаи мардон дар шумораи умумии аҳолӣ ба таври миёна 49,5% ва занон - 50,5%-ро ташкил медиҳад. Зиёда аз 30% аҳолиро кӯдакони то сини 9 сола ташкил медиҳанд.

Шароитҳои табиӣ ва таърихӣ дар ҷойгиршавии аҳолӣ дар минтақаҳои кишвар боиси нобаробарии зиёд гардидааст. Водиҳо ва фурӯхамидагиҳои байни кӯҳҳо ҷойи асосии сукунати аҳолӣ ва хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Зичии аҳолӣ дар ин ҷо беш аз 200 нафар дар 1 $км^2$ аст (водии Ҳисор, водии Вахш,

ноҳияҳои шимолии кишвар). Дар ноҳияҳои кӯҳистонӣ зичии аҳолӣ то ҳадди 4-10 нафар дар 1 $км^2$ кам шуда меравад. Камаҳолитарин минтақаи кишвар Помири Шарқист, ки зичии аҳолӣ камтар аз 1 нафарро дар 1 $км^2$ ташкил медиҳад. Дар ҳоли ҳозир зичии миёнаи аҳолии Тоҷикистон бештар аз 42 нафар дар 1 $км^2$ аст.

Қисми асосии аҳолии Тоҷикистон (65%) ба кори кишоварзӣ машғуланд. Қисми боқимондаи аҳолӣ дар соҳаҳои саноат, хизматрасонӣ, таълиму тарбия, нигаҳдории тандурустӣ ва бахшҳои дигар кор мекунад.

Ба таври кӯллӣ дар Ҷумҳурӣ намояндагони бештар аз 100 миллат зиндагӣ мекунанд. Аҳолии таҳҷоии Тоҷикистон, тибқи маълумоти саршумории соли 2000, 80 фоизи тамоми аҳолиро ташкил мекунад. Аҳолии мамлакат ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва забонҳои дигар гуфтугӯ мекунанд. Забони давлатии кишвар тоҷикист. Забони русӣ забони муоширати байни миллатҳо ва ҳамкории ҳамаи аҳолии кишвар аст.

## 2.7. РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОӢ

9 сентябр соли 1991 истиқлоли Тоҷикистон эълон шуд. Соли 1992 Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд. 170 кишвари ҷаҳон истиқлоли Тоҷикистонро ба расмият шинохтанд ва бисёр кишварҳои дунё дар Тоҷикистон намояндагӣ доранд ва Тоҷикистон ҳам дар кишварҳои дигар номояндагӣ дорад.

Мақоми олитарини расмии кишвар ва сардори давлат Президент аст. Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов бо овоздиҳии озод дар асоси алтернативӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудааст.

Воҳиди пули нави Тоҷикистон - СОМОНӢ аз 1 ноябри соли 2000 ҷорӣ гардид. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) кишвар дар соли 1998, 217,8 доллари ИМА/нафарро ташкил додааст. Аз миёни 80 соҳаи саноати Тоҷикистон металлургияи ранга нақши асосӣ дошта, вазни нисбии он дар соли 1999 бештар аз 50% буд. Корхонаҳои ин соҳа алюминий, тилло, нуқра, сурбу руҳ, волфрам, симобу сурма ва маъданҳои дигарро коркард мекунанд.

Ҳоло бештар аз 400 кон кашф ва то 200 кон таҳти баҳрабардорӣ қарор дорад, ки аз онҳо қариб 45 намуди моддаи хоми минералӣ ва навъҳои канданиҳои сӯзишворӣ истихроҷ мегардад.

Энергетикаи барқ соҳаи муҳими иқтисоди кишвар ба шумор меравад. Истеҳсоли қувваи барқ дар кишвар соли 1998 дар муқоиса бо соли 1940 233 баробар афзоиш ёфтааст. Дар давраи мустақил шудани ин соҳа ба таври миёна соле зиёда аз 15 миллиард киловатт-соат қуваи барқ истеҳсол шудааст.

Соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ба пахтакорӣ асос ёфтааст, ки муҳимтарин маҳсулоти содироти кишоварзӣ ба шумор меравад. Самтҳои дигари фаъолияти соҳаи кишоварзӣ иборатанд аз шоликорӣ, ғаллакорӣ, тамокукорӣ, ҷуворимаккапарварӣ, картошкакорӣ, сабзавоткорӣ ва ҳамчунин боғдорӣ, токпарварӣ ва чорводорӣ.

Нақлиёти Тоҷикистон қисми ҷудонопазири иктисодӣ миллӣ буда, ба сабаби релйефи мураккаби кӯҳистонӣ доштани ҷумҳурӣ нақши асосиро иҷро мекунад. Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ аз як сарзамини бероҳ ба кишвари

дорои нақлиёти муосир мубадал шуда, аз пайраҳаҳои кӯҳистонӣ ва роҳҳои корвонгард то шоҳроҳҳову хатҳои ҳавоиро паймудааст.

Дар қаламрави кишвар 533 км роҳи оҳан, 13,6 ҳазор км роҳи автомобилгарди истифодаи умумӣ, аз ҷумла 12,6 ҳазор км пӯшиши сахт ва 53,2 ҳазор км хати ҳавоӣ таҳти истифода қарор дорад.

Дар Тоҷикистон 3357 мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ мавҷуд мебошад, ки дар онҳо 1,5 млн. шогирд дарс мехонанд. Дар 30 мактаби олӣ ва 72 муассисаи таълимии миёнаи техникӣ 100 ҳазор донишҷӯ таълим мегирад. Дар академияи илмҳо ва муассисаҳои илмию таҳқиқотии кишвар бештар аз 5 ҳазор корманди илмӣ, аз ҷумла қариб 2 ҳазор номзаду доктори илм кор мекунад.

Шумораи духтурони кишвар ба 13 ҳазор нафар расидааст, ки ба ҳар 10 ҳазор сокин 21,2 табиб ва 52,8 корманди тиббии миёна рост меояд. Бештар аз 1 ҳазор муассисаи тиббӣ, аз ҷумла 433 шифохона дар хизмати аҳолии шаҳрҳову деҳот ҳастанд. Барои барқарор намудани саломатии аҳолӣ осоишгоҳҳои Хоҷа-Обигарм, Шоҳамбарӣ, Зумрад, Гармчашма хизмат мекунанд.

Дар солҳои истиқлол дар кишвар иқтидорҳои нерӯгоҳи барқи обии (НБО) Помир, НБО-ҳои хурд дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, бахши софкории тиллову нукра дар иттиҳодияи истеҳсолии (ИИ) «Востокредмет», корхонаи обҳои маъдании «Оби Зулол», корхонаи муштараки (КМ) «Зарафшон», як қисми роҳи оҳани Душанбе-Кӯлоб, роҳи автомобилгарди Мурғоб-Кулма, ки ба марзи Чин мерасад, ба кор даромада, тунели Анзоб, ки тамоми сол шимолу ҷануби кишварро пайванд хоҳад кард, сохтмонаш идома дорад. Ҳамчунин як силсила корхонаҳои саноати сабук ва хурокворӣ, бештар аз 1,5 млн. $м^2$ манзил, қариб 30 ҳазор ҷойи таълим дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, шифохонаҳо ва ғайра сохта шудаанд.

Давлати тозаистиқлол ва ҷавони Тоҷикистон дар 71 кишвари ҷаҳон ҳамкорони тиҷоратӣ дорад. Гардиши тиҷорати хориҷӣ дар соли 1998 тақрибан 1,4 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод, ки 64% он бо ИДМ аст. Ҳаҷми содирот 45,6% аз муомилоти умумии тиҷорати хориҷиро ташкил медиҳад.

Содирот асосан аз ашёи хом иборат буда, бештар алюминий, нахи пахта, энергияи барқ, металлҳои гаронбаҳову сангҳои ороишӣ, сабзавоту меваи тару тоза, консерваҳои меваю сабзавот, пӯст, газворҳои абрешимӣ, қолин, маҳсулоти саноати дастӣ ва ғайра бароварда мешавад.

Воридот ниёзҳои ҷумҳуриро ба молҳои тайёр, ашёи хоми лозимаи истеҳсоли алюминий, гази табиӣ, маводи сӯзишворию молиданӣ ва воситаҳои нақлиёт таъмин менамояд.

## 2.8. ИСТЕҲСОЛ ВА ИСТЕЪМОЛИ ЭНЕРГИЯ

Тоҷикистон захираҳои нисбатан ками навъҳои канданиҳои сӯзишворӣ дорад. Умуман дар ҷумҳурӣ 18 кони нафту газ (Конибодом, Айритон, Ниёзбек, Кичикбел ва ғ.) ва 40 кони ангишт (Назарайлоқ, Шӯроб, Фон-Яғноб ва ғайра) кашф ва ба ҳисоб гирифта шудаанд. Бояд гуфт, ки захираҳои нафту гази ёфтшуда калон нестанд. Дар Тоҷикистон ангишт ба миқдори кофӣ вуҷуд дорад, вале конҳои он, чунон, ки ҳисобу китоб нишон медиҳад, дар айни замон аз




Расми 2.1.




Расми 2.2.




Расми 2.3.

ҷиҳати истифодаи саноат ва аз ҷумла энергетикӣ фоидаовар намебошанд. Дар ҷумҳурӣ ҳар сол 15-20 ҳазор тонна ангишт истихроҷ мешавад.

Инкишофи энергетикаи атомӣ дар кишвари мо ба сабаби зилзилахез будани минтақа ва як силсила мулоҳизаҳои муҳими дигар хеле душвор аст. Иқтидорҳои энергетикаи бодӣ дар Тоҷикистон ба дараҷаи даркорӣ омӯхта нашудааст ва технологияҳои истифодаи босамари ин навъи энергия вуҷуд надоранд.

Аз тарафи дигар, Тоҷикистон дорои захираҳои калони иқтидорҳои гидроэнергия мебошад, ки тақрибан дар тамоми хоки кишвар баробар тақсим шудааст. Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои иқтидории манбаъҳои гидроэнергетикӣ дар байни 10 кишвари аввали ҷаҳон қарор дорад, вале ҳоло дар ҳудуди бештар аз 5% иқтидори умумии захираҳои гидроэнергетикии кишвар ба кор даровардa шудаанд. Гидроэнергетика асоси соҳаи электроэнергетикаи мамлакат ба шумор меравад. Иқтидори умумии нерӯгоҳҳои барқии амалкунанда 4412,7 МВт-ро ташкил медиҳад, ки 93% он ба нерӯгоҳҳои барқи обӣ асос ёфтааст. Авҷи истеҳсоли қувваи барқ дар Тоҷикистон дар солҳои 1990 мушоҳида шуда, ба 17-18 млрд. кВт.с. дар як сол расида буд (расми 2.1). Ҳоло ин нишондиҳанда як миқдор кам шуда ва ба таври миёна 15 миллиард кВт.с. дар як солро ташкил медиҳад.

Калонтарин нерӯгоҳҳои барқи Тоҷикистон иборатанд аз: Норак, (баландии сарбанд 300 метр), ба иқтидори 3000 МВт, Бойғозӣ - ба иқтидори 600 МВт, Сарбанд - ба иқтидори 240 МВт, Қайроқум - ба иқтидори 126 МВт ва ғайра. Нерӯгоҳҳои барқи обии хурд низ ояндаи хуб доранд. Қудрати ин нерӯгоҳҳо имрӯз қариб 30 МВт-ро ташкил медиҳад.

Дар Тоҷикистон якчанд нерӯгоҳи калони нави барқи обии зерин сохта шуда истодаанд: Роғун ба иқтидори 3600 (3000) МВт, Сангтӯда - №1 ба иқтидори 670 МВт, Сангтӯда № 2 ба иқтидори 220 МВт, ва Кофарниҳони поён ба иқтидори 100 МВт. Ба истифода дода шудани ин нерӯгоҳҳо истеҳсоли қувваи барқ дар кишвар дучанд мегардад.

Нерӯгоҳи ҳарорату барқи (НҲБ) Душанбе (ба иқтидори 198 МВт) ва нерӯгоҳи барқи ҳароратии Ёвон ба иқтидори 120 МВт, гази табиӣ ва мазутро ҳамчун сӯзишвории асосӣ истифода мебаранд, ки аз нуқтаи назари экологӣ нисбат ба нерӯгоҳи барқи ҳароратии истифодакунанда аз ангишт камхавфтар аст.

Сохтори истеъмоли аввалияи захираҳои энергетикӣ дар Тоҷикистон вақтҳои охир дучори дигаргунии назаррас шудааст. Дар давраи солҳои 1990-1998 истеъмоли газ 10-15 баробар, истеъмоли сӯзишвории моеъ 8 баробар, ангишт бештар аз 400 баробар коҳиш ёфт (расми 2.2). Истеъмолкунандагони захираҳои энергетикӣ муассисаҳои саноатию сохтмонӣ, нақлиёти автомобилӣ ва бахши манзилу маишӣ мебошанд.

Тағйироти хеле камтар дар ҳаҷми истеъмоли энергияи электрикӣ ба амал омадааст. Дар соли 1990 соҳаҳои иқтисодӣ ҳамагӣ 19388 млн.киловат соат қувваи барқ истеҳсол кардаанд, дар соли 1998 бошад 14667 млн. киловат-соат.

Аз тарафи дигар, бояд зикр кард, ки тағйироти куллии сохтори истеъмоли қувваи баркро хотирнишон намоем. Дар соли 1990 саноат ва сохтмон 11578 млн. кВт.с. қувваи барқ истеъмол кардаанд ва ин нишондиҳанда

дар соли 1998, 5154 млн. кВт.с. буд. Истеъмоли қувваи барқ тавассути нақлиёт дар давоми солҳои 1990-1998 аз 158 то 67 млн.кВт.с. кам гардидааст. Ба сабаби камбудии манбаъҳои энергетикӣ ва омилҳои дигар, истеъмоли қувваи барқ дар бахши манзилию коммуналӣ ва кишоварзӣ 1,2 -1,5 баробар афзоиш ёфтааст (расми 2.3).

## 2.9. ИСТЕҲСОЛИ САНОАТӢ

Саноати Тоҷикистон аз 80 соҳа ва намуди истеҳсолот ва беш аз 1300 корхона иборат аст.

Саҳми саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурӣ дар соли 1990 22,9%-ро ташкил дод, вале дар соли 1998 то 20,1% коҳиш ёфт. Аз соли 1992 то 1998 дар саноат камшавии истеҳсоли маҳсулот мушоҳида гардид. Вале вақтҳои охир афзоиши начандон зиёд ба назар мерасад.

Корхонаҳои асосии металлургияи рангаи кишвар иборатанд аз: Корхонаи гидрометалургии Исфара, Комбинати маъдантозакунии Анзоб, Комбинати сурбу руҳи Адрасмон, Иттиҳодияи истеҳсолии «Востокредмет», Корхонаи муштараки «Зарафшон», Корхонаи муштараки «Дарвоз» ва ҳамчунин калонтарин муассисаи саноатии Тоҷикистон  Заводи алюминии Тоҷикистон. Саноати алюминсозӣ ҳоло манбаи асосии содирот ва даромади асъори кишвар аст. Истеҳсоли алюмин дар соли 1989 ба нуқтаи баландтарин расида, бештар аз 460 ҳазор тоннаро ташкил дода буд.

Саноати химия, 9 корхонаро дар бар мегирад, ки калонтарини онҳо Ширкати саҳомии шакли кушодаи «Азот» оид ба истеҳсоли аммиак ва карбамид ва Ширкати саҳомии шакли кушодаи «Тоҷикхимпром» оид ба истеҳсоли маҳсулоти хлордор, содаи каустикӣ, оҳак ва намаки ошӣ мебошанд.

Саноати масолеҳи сохтмонӣ Корхонаи сементи Душанбе, корхонаҳои истеҳсоли конструксияҳои оҳану бетонӣ, оҳаксанги ғайримаъданӣ, гач, масолеҳи часпандаро, ки дар тамоми ноҳияҳои кишвар ҷойгиранд, фаро мегирад. Истеҳсоли семент аз 1067 ҳаз. тонна дар соли 1990 то 17,7 ҳаз. тонна дар соли 1998 кам гардидааст.

Корхонаҳои мошинсозии Тоҷикистон маҳсулоти гуногунеро аз қисмҳои эҳтиётии мошинҳои кишоварзӣ то маҳсулоти калон - автобус, трансформатор, яхдонҳои маишӣ ва таҷҳизоти саноати тиҷоратӣ истеҳсол мекунанд.

Сарфи назари он ки саҳми истеҳсол дар бисёре аз корхонаҳо дар солҳои охир коҳиш ёфт, сармоягузорӣ, ислоҳоти нақшавӣ ва барномаҳои зидди бӯҳрон ба корхонаҳо имкон медиҳанд, ки дар шароитҳои гузариш ба бозори иқтисодӣ худро нигоҳ доранд ва инкишоф ёбанд.

## 2.10. КИШОВАЗӢ

Вазни қиёсии соҳаи кишоварзӣ дар сохтори ММД 25%-ро ташкил медиҳад. Дар заминаи кишоварзӣ саноати сабук ва хурокворӣ ва ба хусус истеҳсоли пахта, консерва, маҳсулоти гуштӣ ва ғайра инкишоф меёбад.

Бештари субъектҳои истеҳсолоти кишоварзӣ моликони хусусӣ ва ё аъзои хоҷагиҳои кооперативӣ мебошанд. Ҳоло дар деҳоти кишвар 283 колхоз, 260

совхоз, 47 хоҷагии давлатию муассисаи байнихоҷагӣ, 230 иттиҳодияи хоҷагиҳои деҳқонӣ, 12,3 ҳаз. хоҷагии деҳқонӣ ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд.

Дар ҷумҳурӣ ғалла, пахта, картошка, сабзавот, маҳсулоти полезӣ, мева ва ангур парвариш мешавад. То солҳои 1990 истеҳсоли пахта 800 ҳазор - 1 млн. тонаро ташкил медод. Дар солҳои охир дар мамлакат то 400 ҳаз. тонна пахта истеҳсол мешавад. Ҳосилнокии миёнаи пахта сол ба сол дигар шуда ва дар ноҳияҳои гуногун ба таври миёна 14-27 сентнер/га -ро ташкил медиҳад. Бояд, гуфт, ки ҳаҷми истеҳсоли ғалла соли 1998 дар муқоиса бо соли 1990 1,6 баробар зиёд шуда, 499,6 ҳаз. тоннаро ташкил дод. Соли 1998 ба миқдори 174,5 ҳаз. тонна картошка, 40,3 ҳаз. тонна биринҷ, 35,5 ҳаз. тонна ҷуворимакка, 97,3 ҳаз. тонна мева, 46,3 ҳаз. тонна ангур истеҳсол гардидааст.

Дар Тоҷикистон ба ғайр аз растанипарварӣ, бо сабаби мавҷуд будани чарогоҳҳои бисёру гуногун чорводорӣ низ инкишоф ёфтааст. Таи 8 соли охир сохтори соҳаи чорводорӣ дучори дигаргунии ҷиддӣ шуд, ки сабаби он ғайри давлатӣ кардан ва ислоҳоти замин буд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар бахши чорводорӣ вақтҳои охир ба шиддат коҳиш ёфта ва дар сатҳи 40-50% соли 1990 қарор гирифтааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти гуштӣ аз 107,5 ҳаз. тоннаи соли 1990 то 30 ҳазор тонна дар соли 1998 кам гардид. Саршумори умумии чорвои калону майда, хук ва ҳамчунин мурғ нисбат ба соли 1990 хеле коҳиш ёфт.

## 2.11. СОХТОРИ ЗАМИНИСТИФОДАБАРӢ

Масоҳати умумии замини Тоҷикистони 14254,5 ҳаз. га-ро ташкил медиҳад. Масоҳати заминҳои зироатӣ дар соли 1998 4546,1 ҳаз. га-ро ташкил дод.

Бештар аз нисфи масоҳати кишварро минтақаҳое ишғол мекунанд, ки барои истифодаи зироатӣ коромад нестанд, инҳо иборатанд аз сатҳи об, пиряххо, кӯҳҳо, теппаҳо ва сангу шағал, поёноби дарёҳои кӯҳӣ ва чарогоҳҳои камсамари минтақаҳои баландкӯҳ.

Масоҳати умумии замини кишт 734,2 ҳаз га-ро ташкил медиҳад (соли 1998), ки қариб 70 ҳаз. га камтар аз солҳои пеш аст. Заминҳои калону паҳноваре дар ҷануби мамлакат солҳои охир ба сабаби шӯрабандӣ, ботлоқшавӣ, ва ҳамчунин бинобар нобасомонии иқтисодӣ, вуҷуд надоштани техника, маводи сузишворию молиданӣ, тухмӣ ва ғайра кишту кор нашуд.

Масоҳати умумии заминҳои обёришаванда 600,2 ҳаз. га, чарогоҳҳо - 3659,5 ҳаз. га, дарахтони бисёрсола - 102,7 ҳаз. га, заминҳои бекор - 26,1 ҳаз.га, алафзорҳо - 23,6 ҳаз. га-ро ташкил медиҳад. Дар давраи аз соли 1950 то 1990 масоҳати заминҳои обӣ бештар аз 320 ҳаз. га васеъ шуд.

## 2.12. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

Масъалаи тағйирёбии иқлим ва зарурати ҳифзи ҳавои атмосфера дар бисёре аз қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Барои ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла ҳавои атмосфера, дар ҷумҳурӣ қабул шудаанд: Қонун дар бораи ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун дар бораи ҳифзи ҳавои атмосферии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии экологии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбия ва маърифати экологии аҳоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои қонунӣ ва барномавӣ.

Ҳоло стратегияҳо ва нақшаҳои амали ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла доир ба ҳифзи гуногунии биологӣ, доир ба моддаҳои вайронкунандаи қабати озон, доир ба беҳсозии идоракунии обхезӣ, доир ба мубориза бо биёбоншавӣ, таҳия ва татбиқ мегардад, ки дар онҳо аз ҷумла ба масъалаи тағйирёбии иқлим дахл карда мешавад.

Барои ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва экосистемаҳо дар кишвар 4 мамнӯъгоҳ, 14 парваришгоҳ ва 2 парки табиӣ таъсис дода шудааст. Яке аз қӯҳнатарин мамнӯъгоҳҳои кишвар ба номи «Бешаи палангон» ҷашни 60-солагии худро баргузор намуд.